***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).***

Таҳқиқоти мазкур ба як масъалаи муҳимми адабиётшиносии муосири тоҷик – татбиқи назарияи нарратология ба таҳлили осори насрӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзуъ ниҳоят зарурӣ ва саривақтӣ буда, зарурати таҷдиди назар ба усулҳои нақди адабӣ дар адабиётшиносии тоҷикро, ки ҳанӯз дар доираи консепсияҳои адабиётшиносии шуравӣ қарор дорад, ба таври ҷиддӣ бозгӯ менамояд. Аз ин рӯ, корҳои илмие, ки ба назарияҳои муосири адабӣ, бахусус, нарратология, асос ёфтаанд, дар рушди адабиётшиносии миллӣ саҳми босазо мегузоранд.

Аҳмадзода Фарруха бо истифода аз асарҳои назарӣ ва методологии олимони тоҷик ва хориҷӣ, аз ҷумла В. Шмид ва Ж. Женетт таҳлили нарратологии яке аз романҳои мураккаб ва серсохтори насри муосири тоҷик – «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзодро ба таври муфассал ба риштаи таҳлил кашидааст. Мубрамии мавзуъ дар муқаддимаи автореферат ба таври амиқ асоснок карда шудааст ва дуруст қайд мегардад, ки «адабиёти бадеӣ ва нақди адабӣ канори ҳам, бо таъсиру таассур аз ҳам дар ҷараёни робитаи дуҷониба ташаккул меёбанд, рушд мекунанд ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздиктар шудан мегиранд».

Таҳқиқоти мавриди назар аз он шаҳодат медиҳад, ки барои рушди минбаъдаи адабиёт ва нақди адабӣ татбиқи усулҳои нави таҳлил зарур аст. Дар ин замина, истифодаи равиши нарратологӣ дар таҳлили романи «Ҳайҷо» на танҳо навгонии илмӣ дорад, балки ҳамзамон имкониятҳои ин назарияро барои омӯзиши осори адабии тоҷик фароҳам меорад.

Навгонии илмии рисола дар нуктаҳои асосии зерин зоҳир мегардад:

1. Аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик таҳлили нарратологии як асари мукаммали асари мансур анҷом пазируфтааст.

2. Аҳмадзода Ф. дар натиҷаи омӯзиш ва қиёси назарияҳои нарратологии В. Шмид ва Ж. Женетт бо хусусиятҳои адабиёти тоҷик роҳу равиши нави таҳлилро пешниҳод кардааст.

3. Дар рисола масъалаҳое, аз қабили тафовути нависандаи воқеӣ ва таҷридӣ, ҳудуди анвои дидгоҳҳо (фокализатсия), хатти замонӣ дар роман, таносуби байни ровӣ ва мухотаб ба таври муфассал омӯхта шудаанд.

Аҳмадзода Ф. дар муқаддима ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқро возеҳ муайян намудааст, ки ин раванди тадқиқотро мантиқан дуруст месозад. Асосҳои назарию методологӣ низ ба таври мукаммал оварда шудаанд. Истифодаи равиши илтиқотӣ (омехта), ки ба назарияҳои машҳури ҷаҳонӣ ва миллӣ такя мекунад, арзиши илмии рисоларо афзудааст.

Қисми асосии автореферат, ки тавсифи умумии таҳқиқро дар бар мегирад, мазмуну муҳтавои меҳварии рисоларо мухтасар, вале муфассал шарҳ медиҳад.

Боби аввал «Асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн» унвон дошта, аз шаш фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур мафҳуми нарратология, таърихи пайдоиш ва равишҳои асосии он ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Ин қисмат заминаи назарии таҳлилҳои минбаъдаро ташкил медиҳад. Махсусан, ташреҳи фарқи байни нависандаи мутааййин ва нависандаи таҷридӣ, инчунин мафҳумҳои ровӣ, хонанда ва монанди инҳо, ки дар адабиётшиносии тоҷик нав мебошанд, аст.

Дар боби дуюм, ки қисми асосии амалии таҳқиқ ба шумор меравад, «Таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо» номгузорӣ шуда, дорои чаҳор фасл мебошад. Дар ин боб масъалаҳои асосии таҳлили романи «Ҳайҷо» аз назари нарратологӣ ҳаллу фасл шудааст. Таҳлили сохтори ривоӣ ва замонии рисоларо муайян кардани сохтори замонии роман - ду хатти аслӣ (замони ҳозира ва замони гузаштаи таърихӣ) ва муқоисаи онҳо ба романи «Ҳайҷо» амиқии бештар бахшидааст.

Вижагиҳои нарраторӣ – муайян кардани симои ровӣ ва нақши ӯ дар инкишофи ривоят аст. Дар «Ҳайҷо» мавҷудияти ровӣ, ки ҷаҳонро ба гунае

мебинад, меомӯзад, дарку қабул мекунад ва тамоми бардоштҳои худро дар таносуб бо зеҳнияту доираи ҷаҳонбинии худ дубора ба мухотабон арза медорад, як хусусияти тоза ва ҷолиб дар адабиёти тоҷик аст.

Боби сеюм «Сохтори замонии романи «Ҳайҷо» ва хусусиятҳои асосии он» унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар ин боб натиҷаҳои таҳлил ҷамъбаст гардида, ҷойгоҳи романи «Ҳайҷо» дар адабиёти муосири тоҷик ва аҳаммияти он дар ташаккули насри нав нишон дода шудааст. Ин қисмат ба пуррагиву такмили илмии рисола мусоидат менамояд.

Дар фишурдаи рисола дар радифи комёбиҳои назаррас баъзе нуктаҳои ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ба инобат гирифтани он боиси афзудани ҳусни кор хоҳад шуд:

1. Дар фасли аввали боби якум «Матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология» муаллиф истилоҳи «нарратология»-ро бо таърифи назарияпардозон алоқаманд мекунад, аммо ба назар мерасад, ки он бештар тавсифи умумии нарратология аст, на таҳлили мушаххаси романи «Ҳайҷо». Фасли мазкур бояд бо намунаҳои мушаххас аз роман такмил дода шавад, то ки меъёрҳои «душвории зебоишиносӣ» ва «мутахаййил будан» дар асари мазкур зоҳир гарданд.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ (оиди с.5, шурӯъ с.18, Шӯро с.18, Шӯравӣ 21) ва техникӣ (саҳ. 5, 20, 23, 28) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дошта, имкон дорад, ки дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, монографияҳо, луғатҳои истилоҳоти адабиётшиносӣ ва дарсҳои лексионӣ дар донишгоҳҳо истифода шаванд. Муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр намудааст, ки ин далели аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ шудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Автореферати мазкур ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки рисолаи диссертатсионӣ аз рӯйи мавзуъ, ҳадаф, вазифа, навгонӣ ва аҳаммияти илмӣ ба талаботи таҳияи рисолаи илмии Кумитаи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар тавонистааст, ки масъалаи муҳимми илмиро ба таври амиқ ва дақиқ баррасӣ намояд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарриз:**


н.и.ф., дотсенти кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Бобоҷонова М.Ҳ.
«08» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н.Б.Ғафуров, ҷамоати
Ҳ.Усмонов, кӯчаи Т.Мирхолиқов 16а
Тел.: +(992) 92 7602141
E-mail: missmrustamova@mail.ru


Имзои Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновнаро тасдиқ мекунам:


сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992) 928057007
E-mail: ddhkadr@mail.ru
«08» сентябри соли 2025.